Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод** дар мавзӯи «**Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии муздноки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дар кишварҳои дунё вазъи бозори озуқаворӣ мунтазам тағйир ёфта, сифат ва нархи маҳсулоти ғизоӣ баланд рафта истодааст. Беҳтар гардонидан ва баланд бардоштани соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ҳайвонот нақш ва аҳаммияти муҳим, аввалиндараҷа пайдо намудааст. Хизматрасонии байторӣ яке аз самти муҳим дар соҳаи кишоварзӣ мебошад ва дар таъмини рушди соҳа, беҳгардонии соҳаҳои кишоварзӣ, чорводорӣ нақши муҳим мебозад.

Дар замони муосир зиёд гардидани талабот ба хизматрасонии байторӣ танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ аҳамияти махсус пайдо намудааст. Яке аз самтҳои бартараф намудани мушкилот дар соҳаи хизматрасонии байторӣ ин танзими ҳуқуқии он буда, масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии байторӣ муҳим маҳсуб меёбад.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои он муайян шудааст. Баробари ҳамин, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он тавсиф шуда, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – «Моҳияти ҳуқуқии хизматрасонии муздноки байторӣ дар танзими ҳуқуқи маданӣ» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби якум – «Мафҳум ва аломатҳои хизматрасонии байторӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқи маданӣ» таҳлили қонунии мафҳумҳои асосӣ, ба монанди “байторӣ”, “соҳаи байторӣ,” “фаъолияти байторӣ”, “фаъолияти хусусии байторӣ”, “фаъолияти соҳибкории байторӣ” ва дигарҳо дарбар гирифта шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз шаклҳои амалишавии фаъолияти байторӣ ин хизматрасонии байторӣ буда, ҳамчун падидаи нав бо инкишофи муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёти кишвар ба вуҷуд омадааст ва муносибатҳои ҷамъиятиро тибқи талаботи қонунгузории маданӣ ба танзим медарорад. Ҳамчун объекти танзими муносибатҳои

ҳуқуқи маданӣ ва объекти ҳуқуқи маданӣ эътироф гардидааст. Дар хулоса мафҳуми хизматрасонии байториро бо ҳамин ду маъно пешниҳод намудааст.

Зербоби дуюми боби якум – «Асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ дар ҶТ» ном дорад. Муаллиф иброз медорад, ки асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи хизматрасонии байторӣ буда, аз қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат аст. Оид ба даврабандии асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ, вобаста ба хусусияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамоянд ба се давра ҷудо карда шудааст: а) давраи аз дунёи қадим то замони шуравӣ; б) давраи шуравӣ; в) давраи муосир, аз соҳибгардии Истиқлолияти давлатӣ.

Қайд карда мешавад, ки асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ мунтазам инкишоф меёбад ва бо баробари дигаргуншавии муносибатҳои ҷамъиятӣ давлат, мақомоти қонунгузорӣ ҳамеша кушиш ба харҷ медиҳад, ки муносибатҳои мавҷударо бо асосҳои ягонаи ҳуқуқӣ ба танзим дарорад. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили асосҳои ҳуқуқии соҳаи мазкур, зарурияти ворид намудани тағйироту иловагиҳоро ба қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи байторӣ”, №674 аз соли 2010 пешниҳод намудааст.

Боби дуюми диссертатсия – «Шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ» ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби дуюм – «Мафҳум ва аломатҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ» ном гирифтааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили адабиёти илмӣ, қонунгузории амалкунанда мафҳум ва хусусияти ҳуқуқии шартнома хизматрасонии муздноки байториро кушода додааст. Яъне, шартномаи мазкур консенсуалӣ, музднок, дутарафа мебошад. Тарафҳои шартнома иҷрокунанда ва фармоишгар баромад намуда, тарафи иҷрокунандаро ташкилоти байторӣ, ки мумкин аст давлатӣ ва ё хусусӣ бошанд, ташкил диҳанд. Хусусияти ҳуқуқии ташкилоти байтории давлатӣ ва хусусӣ дар доираи мавзуи таҳқиқшаванда баррасӣ карда шудааст. Дар доираи таҳқиқоти зербоби мазкур муаллиф оид ба такмили қонунгузории ҷорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат пешниҳодҳои муфид кардааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – «Мазмуни шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ» муаллиф шартномаи хизматрасонии муздноки байторирор аз руйи мазмун ба се маъно ҷудо намудааст, яъне ҳамчун факти ҳуқуқӣ-шартҳои шартнома, муносибати ҳуқуқӣ аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳори тарафайн иборат аст, ҳуҷҷати танзими инфиродӣ аз бандҳои шартнома, иборат мебошанд. Муносибатҳои ҳуқуқии соҳаи мазкур мувофиқи мазмуни шартнома таҳлил гардида, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ ишора гардидааст.

Дар доираи таҳқиқоти мазкур муаллиф уҳдадориҳои асосии иҷрокунанда, фармоишгарро муфассал таҳлил намуда, баҳри такмили

қонунгузории амалкунанда ворид намудани тағйироту иловагиҳоро пешниҳод намудааст.

Зербоби сеюми боби дуюм – «Асосҳои бастан, тағйир додан ва бекор намудани шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ» ном гирифтааст. Муаллиф дар ин зербоб зикр менамояд, ки шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ ин натиҷаи созиши тарафҳо буда, аз руйи шартҳои муҳимми он тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда ба расмият даровара мешаванд. Қайд карда мешавад, ки шакли хаттӣ баста шудани шартномаи хизматрасонии муздноки байториро қонунгузории Тоҷикистон муқаррар менамояд. Тағйир додани шартномаи мазкур ин аз нав дида баромадани як ё якчанд шарти иҷронашудаи шартнома бо нигоҳ доштани қувваи ҳуқуқии он мебошад. Бекор намудани шартнома – ҳолате дар назар дошта мешавад, ки дар рафти иҷрои шартнома ба вуҷуд омада, ҳангоми фаро расидани он шартнома қувваи ҳуқуқии худро гум мекунад. Муаллиф хулоса менамояд, ки бастан, тағйир додан ва бекор намудани шартнома, гарчанде аз амалсозии озодии шартнома гувоҳӣ диҳад, лекин чунин ҳолатҳо бояд қонунан асоснок бошанд.

Боби сеюми диссертатсия – «Ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби сеюм – «Моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ» ном гирифтааст. Муаллиф, ишора ба он менамояд, ки ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ ин чораҳои ҳуқуқие мебошанд, ки ба зиммаи ҳуқуқвайронкунанда уҳдадории иловагии молумулкиро мегузорад. Асоси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии тарафҳои шартномаи мазкур ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Асоси ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ таркиби ҳуқуқвайронкунии маданӣ буда, дорои шартҳои зерин аст: – мавҷуд будани кирдори зиддиҳуқуқии тарафҳои шартнома; – мавҷуд будани зиён; – мавҷудияти робитаи сабабӣ байни кирдори зиддиҳуқуқии та-рафҳои шартнома вазиёни расонида; – мавҷудияти гуноҳи тарафҳо. Барои ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи мазкур принсипи умумии ҷавобгарӣ ҳангоми мавҷуд будани гуноҳ истисно мешавад.

Зербоби дуюми боби сеюм – «Хусусиятҳои ҷуброни зиён, товони зарари маънавӣ ва ноустуворона дар шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ» номида шудааст. Дар ин зербоб муаллиф қайд менамояд, ки зиён хароҷоте фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби шахси ҳуқуқаш вайроншуда харҷ гардидааст. Ду намуди зиёнро, яъне хисороти воқеӣ ва фоидаи аздастрафта, дар заминаи меъёрҳои моддаи 14 КМ ҶТ таҳлил намудааст. Хусусияти ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ товони зарари маънавӣ ва ноустуворонаро ҳамчун тарзҳои барқарор намудани ҳуқуқҳои маданӣ баррасӣ намуда, кушода додааст.

Дар хулосаи диссертатсия пешниҳодҳои унвонҷуй ҷиҳати такмили танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии байтории мувофиқи қонунгузории амалкунанда ҷойгир шудаанд.

Аз таҳлили автореферати диссертатсия хулоса намудан мумкин аст, ки мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти Мирзомуродзода Д. Г. ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкори; ҳуқуқи оилави; ҳуқуқи байналмилалии хусуси, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, дигар талаботҳо (навгони, риояи одоби илми ва инъикоси шароити Тоҷикистон) мутобиқ мебошад.

Баробари ҳамин, мувофиқи мақсад ҳисоба мешуд агар муаллиф аз амалияи фаъолияти байтори дар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар бо истифодабарии хизматрасонии музднок мисолҳо оварда, аз руйи он хулосаҳои зарури мебаровард. Автореферати диссертатсия аз хатоигиҳои имловию грамматики холи нест. Эроди гирифташуда сатҳи илмии рисолаи анҷомёфтаро коста намегардонад.

Ҳамзамон, диссертатсияи унвонҷӯй Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар мавзӯи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байтори дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиноси аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкори; ҳуқуқи оилави; ҳуқуқи байналмилалии хусуси ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илми, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад, унвонҷӯй арзандаи дараҷаи илмии дархостшуда мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои
ҳуқуқшиноси, муаллими калони кафедраи
ҳуқуқи соҳибкори ва байналмилалии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон — Рофиева Азиза Ҳамдамовна

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд,
микроноҳияи 17, хонаи 1.
Сайт: www.tsulbp.tj e-mail: tsulbp@rambler.ru
Тел.: (83422) 2-38-11, 2-51-70

Имзои Рофиева А. Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДҲБСТ, н.и.ҳ., дотсент — Бобоев А. Ҳ.

«23» августи 2024 с.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

ДДҲБСТ
имзои Рофиева Азиза Ҳамдамовна
тасдиқ менамоям
сардори шуъбаи кадрҳо
Бобоев А.Ҳ.